# ФАРМОИШИ
# ВАЗИРИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «03» 02 соли 2025 № 129 ш. Душанбе

Дар бораи амалӣ намудани қарори ҳайати мушовараи
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.01.2025, №2/5

Мутобиқи банди 13 Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №145 тасдиқ гардидааст, ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 январи соли 2025, №2/5 «Дар бораи Низомномаи баргузории озмуни ҷумҳуриявии «Беҳтарин омӯзгор-ҳуқуқшинос» миёни омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» мавриди амал қарор дода шавад (замима мегардад).

2. Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ уҳдадор карда шавад, ки нусхаи фармоиши мазкурро дастраси ректорон ва директорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ намуда, рафти иҷрои онро назорат намояд.

3. Ректорон ва директорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон уҳдадор карда шаванд, ки иҷрои талаботи низомномаи мазкурро таъмин намоянд.

4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон – сарпарасти соҳа гузошта шавад.

Асос: қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 январи соли 2025, №2/5.

Вазир Раҳим Саидзода

Муовини вазир
Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус
Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ
Шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ

**ҚАРОРИ**
**ҲАЙАТИ МУШОВАРАИ**
**ВАЗОРАТИМАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

аз «29» 01 соли 2025 №2/5 ш. Душанбе

Дар бораи Низомномаи баргузории озмуни ҷумҳуриявии «Беҳтарин омӯзгор-ҳуқуқшинос» миёни омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ

Ҷаласаи ҳайати мушоварaи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳоди муовини вазир – сарпарасти соҳа «Дар бораи Низомномаи баргузории озмуни ҷумҳуриявии «Беҳтарин омӯзгор-ҳуқуқшинос» миёни омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ»-ро баррасӣ намуда, қарор мекунад:

1. Низомномаи баргузории озмуни ҷумҳуриявии «Беҳтарин омӯзгор-ҳуқуқшинос» миёни омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ вазифадор карда шавад, ки тибқи тартиби муқарраргардида санади мазкурро дастрасӣ роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон гардонида, баргузории озмуни ҷумҳуриявии «Беҳтарин омӯзгор-ҳуқуқшинос»-ро тибқи талаботи Низомномаи мазкур назорат намояд.

3. Назорати рафти иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини вазири маориф ва илм Лутфия Абдулхолиқзода гузошта шавад.

Раиси ҳайати мушоварa,
вазир ДУРУСТ Раҳим Саидзода

Бо қарори ҳайати мушовараи
Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон аз
«03» 02 соли 2025, №129
тадиқ гардидааст

НИЗОМНОМАИ

баргузории озмуни ҷумҳуриявии «Беҳтарин омӯзгор-ҳуқуқшинос» миёни омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи баргузории озмуни ҷумҳуриявии «Беҳтарин омӯзгор-ҳуқуқшинос» (минбаъд озмун) миёни омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ (минбаъ низомнома) тартиби ташкил ва баргузории озмунро муайян мекунад.

2. Низомнома дар асоси банди 16 Нақшаи чорабиниҳо оид ба татбиқи «Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои солҳои 2020-2025, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.11.2019, №599 тасдиқ гардидааст, таҳия гардид.

3. Низомнома мақсад ва вазифаҳои озмун, тартиби ташкил, баргузорӣ, шартҳои озмун, ҳуқуқу вазифаҳои иштирокчиён, баҳогӯзорӣ, муайян намудани ғолибон ва ҳавасмангардонии онҳоро муқаррар менамояд.

4. Озмун миёни омӯзгорони муассисаи таълимӣ новобаста аз ихтисос сину сол дар ду давра баргузор карда мешавад.

5. Даври якуми озмун миёни омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ то охири моҳи декабр гузаронида мешавад.

6. Даври дуюми озмун-ҷумҳуриявӣ миёни омӯзгорони ғолиби даври якуми муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ моҳи феврал дар шаҳри Душанбе баргузор карда мешавад.

7. Мақсади озмун иборат аз:

- муайян намудани донишҳои касбӣ ва ғайри касбӣ;
- баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ;
- донистани конститутсия, қонунҳо, қарорҳо, барномаҳо, ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маорифи кишвар;
- таъмини шароит барои беҳтар намудани тарбияи ҳуқуқии таълимгирандагон;
- ташаккули афгори масъулиятшиносӣ нисбат ба қонун ва адолат;
- ташаккули муҳити эҷодӣ барои фаъолияти минбаъда;
- дарёфти чеҳраҳои лаёқатманди омӯзгор-ҳуқуқдон;

- фаъол намудани нақши омӯзгор дар баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии таълимгирандагон;
- ташаккули фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа ва тарғиби таҷрибаи пешқадами омӯзгори беҳтарин.

8. Озмун дар давоми соли таҳсили 2024-2025, ки сана ва макони баргузории онро Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад, гузаронида мешавад.

9. Масъулияти ташкил ва баргузории даври якуми озмун миёни омӯзгорони муассисаи таълимӣ ба зиммаи роҳбари муассисаи таълимӣ мебошад.

10. Роҳбари муассисаи таълимӣ барои тарғибу ташвиқи ҷалби доираи васеи омӯзгорон ба озмун масъул буда, тавассути ҷаласаҳои корӣ, эълон, рӯзномаҳои соҳавӣ, сомонаи муассиса ва шабакаҳои иҷтимоӣ ба роҳ мемонад.

11. Роҳбари муассисаи таълимӣ аз ҳисоби омӯзгорони таҷрибадор ва масъулиятшинос кумитаи тадорукоти озмун ташкил намуда, озмунро дар доираи маводи пешниҳодшуда баргузор менамояд.

12. Рафти баргузории озмун дар муассисаи таълимӣ тавссути сомонаи муассисаи таълимӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ инъикос карда мешавад.

13. Баъди ҷамъбасти даври якум ба Вазорати маориф ва илм ба таври расмӣ як нафар ғолибро, ки дар озмуни дохили муассиса ғолиб омадааст, ба даври дуюм-ҷумҳуриявӣ то даҳҳаи дуюми моҳи март ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

14. Роҳбари муассисаи таълимӣ мувофиқи талаботи зерин парвандаи як нафар (папка файл) ғолиби озмуни даври муассисавиро бо мактуби расмӣ барои иштирок дар даври дуюм-ҷумҳуриявӣ пениҳод менамояд:

- Маълумотнома дар бораи ғолиби озмун (обективка);
- протоколи комиссияи озмун дар бораи ғолиби озмун донистани иштирокчӣ;
- нусхаи дастовардҳои таълимию методӣ мувофиқи замимаи 1;
- номгӯйи санадҳои меъёрии ҳуқуқии азбарнамуда (тибқи саволнома ва иловагӣ).

15. Иштироки омӯзгор дар озмуни даври ҷумҳуриявӣ бо риояи қатъии пешниҳоди ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият - шиноснома ба роҳ монда мешавад.

16. Воридшавии омӯзгорон ба даври ҷумҳуриявии озмун тибқи ҷадвали тасдиқгардидаи кумитаи тадорукот иҷозат дода мешавад.

17. Натиҷаи даври ҷумҳуриявии озмун аз ҷониби ҳайати ҳакамон ҷамъбаст гардида, ба кумитаи тадорукот пешниҳод карда мешавад.

## 2. КУМИТАИ ТАДОРУКОТИ ОЗМУН

18. Масъалаи ташкил ва баргузории даври ҷумҳуриявӣ ба зиммаи кумитаи тадорукоти озмун гузошта мешавад. Кумитаи тадорукот аз ҳисоби кормандони масъули Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, сохторҳои он ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар асоси фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода мешавад.

19. Дар назди кумитаи тадорукот комиссияи ташкилӣ – назоратӣ, методӣ ва аппелятсионӣ таъсис дода мешавад.

20. Комиссияи ташкилӣ – назоратии кумитаи тадорукот масъалаҳои зеринро дида мебарояд:

-таъмини иҷрои муқаррароти низомнома;

-тартиби саволномаҳои санҷишӣ, эссе, матнҳо ва дигар маводи зарурӣ аз рӯйи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки дар даври ҷумҳуриявии озмун истифода мешаванд;

-таҳияи нақша, барнома ва сенарияи гузаронидани даври сеюми озмун;

-пешакӣ аз макон ва замони баргузории даври ҷумҳуриявии озмун огоҳ намудани муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-чораандешӣ ҷиҳати таъмини иштирокчиёни даври ҷумҳуриявии озмун,

-назорати рафти баргузории даври ҷумҳуриявии озмун;

-омода намудани «Диплом», «Сипоснома» ва «Ифтихорнома» ва туҳфаҳои хотиравии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ғолибон ва иштирокчиён;

-таҳлил ва ҷамъбасти натиҷаи озмун;

-таҳияи лоиҳаи фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷамъбасти даври ҷумҳуриявии озмун ва зери назорат қарор додани татбиқи он.

21. Озмун бо истифода аз технологияи иттилоотӣ, шифоҳӣ, хаттӣ ва ё ба таври дигар гузаронида мешавад.

## 3. ТАРТИБИ ТАШКИЛ ВА БАРГУЗОРИИ ДАВРИ ҶУМҲУРИЯВӢ

22. Ҳайати ҳакамони озмунии даври ҷумҳуриявиро Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва илмӣ муайян менамояд.

23. Таҳияи маводди баргузории даври ҷумҳуриявии озмун мувофиқи талаботи амалкунанда бо забони коргузорӣ роҳандозӣ мегардад.

24. Тибқи тартиби муқарраргардида барои саволу ҷавоб ва вазифаҳои гузошташуда ба омӯзгорон вақти муайян ҷудо мегардад. Дар ҳолатҳои дигар вақтро комиссияи такдорукот муайян менамояд.

25. Масъулияти тартиби қабул, супоридан ва рамзгузории ҳуҷҷатҳо, варианти саволномаҳо, иншо (эссе) ба зиммаи масъулини кумитаи тадорукот ва аъзои он гузошта мешавад.

26. Ҳайати комиссияи озмуни ҷумҳуриявӣ натиҷаи кори иҷронамудаи омӯзгоронро ба таври воқеӣ таҳлилу баррасӣ намуда, натиҷаашро дар шакли варақаи баҳогузорӣ бо имзо ба кумитаи тадорукот пешниҳод менамояд.

## 4. ШАРТҲОИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУН

27. Дар озмун омӯзгорон новобаста аз сину сол, ихтисос ва тобеияти идоравӣ метавонанд иштирок намоянд.

28. Иштирокчиёни озмун парвандаи худро мувофиқи талабот ба расмият даровардa ба котиби озмуни даври муассисавӣ пешниҳод менамояд.

29. Иштирокчиён тибқи саволномаи пешниҳодшудаи озмун, ки дар замимаи 3 оварда шудааст, омодагӣ мегирад. Маводди иловагии пешниҳодшудаи иштирокчиён, ки онро аз бар намудаанд, ҳангоми саволу ҷавоб ба инбат гирифта мешавад.

30. Котиби озмун парвандаҳои пешниҳоднамудаи омӯзгоронро ба қайд гирифта, мувофиқи талабот ба раиси озмун пешниҳод менамояд.

## 5. ТАЛАБОТ БАРОИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУН

31. Омӯзгороне, ки дар озмун хоҳиши иштирок карданро доранд бояд ба талаботҳои зерин ҷавобгӯй бошанд:

- навиштани иншо (эссе) дар ҳаҷми то 200 калима (дар доираи мавзуъҳои пешниҳодшуда);
- муаррифии малака ва маҳорати касбии омӯзгорӣ дар ҳаҷми 50 дақиқаи дарси лексионӣ. Интихоби мавзуи дарси лексионӣ барои омӯзгор аз рӯйи барномаи фанни таълимие, ки омӯзгор дарс медиҳад аз ҷониби ҳайати ҳакамон дар рӯзи баргузории озмун интихобан пешниҳод карда мешавад ва омӯзгор аз рӯйи ҳамон мавзуъ дарс мегузарад.
- донистани Конститусия, қонунҳо, қарорҳо, консепсияҳо, барномаҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маорифи кишвар;
- пешниҳоди дастовардҳои таълимӣ методӣ (тибқи замимаи 2 агар бошад);
- сатҳи забондонӣ (забони тоҷикӣ, забонҳои русӣ ва англисӣ)

## 6. МЕЪЁРИ БАҲОГУЗОРӢ ВА ТАРТИБИ МУАЙЯН НАМУДАНИ ҶОЙҲОИ ИФТИХОРӢ

32. Комиссияи озмунӣ дар мувофиқа бо кумитаи тадорукот меъёри баҳогузориро пеш аз саволу ҷавоб ва санҷишҳои хаттӣ аз рӯйи низоми 100-хола мувофиқи замимаи 2 муайян менамояд.

33. Кумитаи тадорукот ғолиби озмуни ҷумҳуриявии «Беҳтарин омӯзгор-ҳуқуқшинос»-ро барои соли таҳсили 2024-2025 муайян мекунад.

34. Дар озмун нафаре ғолиб дониста мешавад, ки мувофиқи талаботи озмун аз ҳама холи баландро дар озмун ва аз ҳисоби давстовардҳои таълимию методиаш соҳиб мегардад.

35. Барои се нафари баъдӣ, ки дар озмун натиҷаҳои баландро соҳиб мегарданд, ба ҷойҳои ифтихорӣ сарфароз гардонида мешаванд.

## 7. КОМИССИЯИ АППЕЛЯТСИОНӢ

36. Дар давоми рӯзҳои баргузории озмун комиссияи аппелятсионӣ ҷалб карда мешаванд.

37. Аз рӯйи натиҷаи пешакии озмун омӯзгор ҳуқуқ дорад ба комиссияи аппелятсионӣ ба таври расмӣ (хаттӣ) танҳо дар рӯзи барои фаъолияти кори комиссияи аппелятсионӣ ҷудошуда, яъне пеш аз ҷамъбасти кори кумитаи тадорукоти озмун муроҷиат намояд.

38. Вақти қабули аризаҳои аппелятсионӣ ва муҳлати баррасии онро кумитаи тадорукот пешакӣ эълон менамояд.

39. Омӯзгоре, ки аз натиҷаи саволу ҷавоб ва кори иҷронамудааш розӣ нест ё ба натиҷаи кораш шинос шудан мехоҳад, дар муҳлати муқаррargardida ба комиссияи аппелятсионӣ ариза пешниҳод менамояд.

40. Дахолати омӯзгорон, роҳбаладон ва дигар нафарон дар кори озмун ва фаъолияти комиссия манъ аст.

41. Баъди баррасии аризаҳои аппелятсионӣ қарори дахлдори комиссияи аппелятсионӣ оид ба натиҷаи холҳои бадастоварда қабул карда мешавад.

## 8. ТАРТИБИ ҶАМЪБАСТИ ДАВРИ СЕЮМИ ОЗМУН

42. Кумитаи тадорукот хулосаи фаъолияти комиссияи аппелятсиониро оид ба ворид намудани тағйирот ба натиҷаи пешакии омӯзгорон ба инобат гирифта, даври ҷумҳуриявии озмунро натиҷагирӣ менамояд.

43. Натиҷаи озмун тариқи хаттӣ ва ё электронӣ дар сомонаи Вазорати маориф ва илм эълон карда мешавад.

44. Омӯзгоре, ки дар озмун ғолиби озмуни ҷумҳуриявии «Беҳтарин омӯзгор-ҳуқуқшинос» гардидааст, бо «Диплом» ва мукофотпулӣ дар ҳаҷми «10000» даҳ ҳазор сомонӣ қадрдонӣ карда мешавад.

45. Супоридани туҳфаҳо ба ғолибони озмуни даври ҷумҳуриявӣ дар вазъияти тантанавӣ сурат мегирад.

46. Кумитаи тадорукот аз натиҷаи ҷамъбасти озмун ба Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод менамояд.

## 9. ИМТИЁЗҲО

47. Ғолиби озмун бо нишони аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардонида мешавад (дар сурати надоштани аълочӣ).

48. Аз ҳисоби Иттифоқҳои касабаи кормандони соҳаи маориф роҳат (6 рӯз) ба яке аз осоишгоҳҳои ҷумҳурӣ дода мешавад.

## 7. ТАЪМИНОТИ МОЛИЯВИИ ОЗМУН

49. Хароҷоти даври якуми озмун сафарбар гардидани омӯзгорон ба даври ҷумҳуриявӣ аз ҳисоби муассисаи таълимӣ пардохта мешавад.

50. Харҷномаи даври ҷумҳуриявӣ маблағи лавозимоти идорӣ, тухфаҳои хотиравӣ ва дигар хароҷоти ба он вобаста бо фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

51. Ба харҷномаи даври ҷумҳуриявии озмун, ки аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохта мешавад, харҷи ҷамъомадҳои ифтитоҳӣ ва баргузории даври ҷамъбастии озмун, таъминот бо лавозимоти идорӣ, тухфаҳо, ҳавасмандгардонӣ дохил карда мешаванд.

52. Маблағгузории даври ҷумҳуриявии озмун аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ва маблағҳои махсуси дастгоҳи марказии Вазорати маориф ва илм ва аз ҳисоби шарикони рушд амалӣ карда мешавад.

## 8. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

53. Дар сурати риоя накардани талаботи Низомномаи мазкур тибқи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба шахсони масъул чораи дахлдори ҳуқуқӣ андешида мешавад.

Замимаи 1
ба қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «03» 02 соли 2025, №129

## Меъёри холгузорӣ ба иштирокчиёни озмун

| № | Ба натиҷаи фаъолияти омӯзгор баҳогузорӣ карда мешавад | Холи имконпазир |
|---|---|---|
| 1 | Барои навиштани иншо (эссе) | 25 |
| 2 | Барои дарси лексия (як соат) | 40 |
| 3 | Барои донишҳои ҳуқуқӣ | 20 |
| 4 | Сатҳи забондонӣ (забонҳои тоҷикӣ, рӯсӣ, англисӣ) | 10 |
| 5 | Саволҳои иловагӣ аз рӯйи маводди пешниҳодшуда | 5 |
| | | **100 хол** |
| | Холҳо аз рӯйи натиҷаҳои бадстовардаи корҳои таълимӣ, методӣ ва тарбиявӣ ба назар гирифта шуда, ба холҳои асосӣ ҷамъ карда мешавад. | Холҳои иловагӣ барои як нишондиҳанда |
| 5 | Таҳияи китоби дарсӣ (ба муаллифон тақсим карда мешаванд) | 10/7 |
| 6 | Тарҷумаи китобҳои таълимӣ ба забони давлатӣ ва ё забонҳои хориҷӣ (ба муаллифон тақсим карда мешаванд) | 5 |
| 7 | Таҳияи дастуру воситаҳои таълимӣ (ба муаллифон тақсим карда мешаванд) | 5 |
| 8 | Иштирок дар олимпиадаҳои фаннии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ (танҳо сазовори ҷойҳои якум, дуюм, сеюм ва ифтихорӣ) | ҷойи якум 10<br>ҷойи дуюм 7<br>ҷойи сеюм 5<br>ҷойи ифтихорӣ 3 |
| 9 | Тайёр намудани шогирдон ба озмуну олимпиадаҳои фаннӣ ва натиҷаи он (танҳо сазовори ҷойҳои якум, дуюм, сеюм ва ифтихорӣ) | ҷойи якум 10<br>ҷойи дуюм 7<br>ҷойи сеюм 5<br>ҷойи ифтихорӣ 3 |
| 10 | Нашри мақолаҳои методӣ (ба муаллифон тақсим карда мешаванд) | 3 |
| 11 | Таҳияи маводди методӣ оид ба корҳои тарбиявӣ (ба муаллифон тақсим карда мешаванд) | 3 |
| 12 | Мақолаҳои омавӣ-тарбиявӣ (ба муаллифон тақсим карда мешаванд) | 2 |

**Эзоҳ:** дастовардҳои пешниҳодшуда, агар муаллиф танҳо бошад холҳои ношиндода шуда пурра ба инобат гирифта мешаванд, дар сурати ҳаммуаллиф будан холҳо ба ҳар як муаллиф баробар тақсим карда мешаванд.

Ба кидобҳое, ки бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илм тавсия шудаанд 10 хол ва бо қарори шурои илмӣ-методии муассиса 7 хол дода мешавад.

Замимаи 2
ба қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «03» 02 соли 2025, №129

## Пешниҳоди дастовардҳои таълимӣ-методӣ ва тарбиявӣ

| № | Номгӯйи корҳо | Асос бо нишон додани сол | Муаллиф(он) | Теъдоди нашр |
|---|---|---|---|---|
| | **Корҳои таълимӣ-методӣ** | **Қарори тасдиқнамуда** | | |
| 1 | Пешниҳоди силлабуси фанни таълимие, ки омӯзгор аз он дарс медиҳад (дилхоҳ аз як фанни таълимӣ) | | | |
| 2 | Таҳияи китоби дарсӣ (номи китоб) | | | |
| 3 | Тарҷумаи китобҳо ба забони давлатӣ | | | |
| 4 | Таҳияи дастуру воситаҳои таълимӣ | | | |
| 5 | Иштирок дар олимпиадаҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ (танҳо сазовори ҷойҳои якум, дуюм, сеюм ва ифтихорӣ) | Номи олимпиада | Макони баргузорӣ | Ҷойи ишғол намуда |
| | | | | |
| 6 | Тайёр намудани шогирдон ба озмуну олимпиадаҳо ва натиҷаи он (танҳо сазовори ҷойҳои якум, дуюм, сеюм ва ифтихорӣ) | | | |
| 7 | Нашри мақолаҳои методӣ (мақолаҳои илмӣ ба назар гирифта намешаванд) | | | |
| | **Корҳои тарбиявӣ** | | | |
| 8 | Коркарди маводи методӣ оид ба корҳои тарбиявӣ | | | |
| 9 | Мақолаҳои омавӣ-тарбиявӣ | | | |

**Эзоҳ:** дар парвандаи довталаби озмун нусхаи дастовархо бо пур кардани ҷадвали мазкур гузошта мешаванд.

Замимаи 3
ба қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «03» 02 соли 2025, №129

Саволномаи

пешниҳодшуда барои иштирокчиёни озмуни ҷумҳуриявии «Беҳтарин омӯзгор-ҳуқуқшинос» миёни омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ дар асоси Конститусия ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерин тартиб дода мешаванд:

Конститусияи Ҷумҳурии Тоҷикистон
Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистион «Дар бораи маориф»
Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистион «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ»
Низомномаи намунавии муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»
Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон
Консепсияи милли тарбия